«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор_____Раҳмон Д.С.
«14» феврали соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна, ки дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Рисолаи номзадии Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна ҷиҳати омӯзиши таҳқиқи сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ равона гардида, яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд буда, дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар камтар таҳқиқот шудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Саидова М.А. маҳз ба таҳлил ва таҳқиқи сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ дар забонҳои муқоисашаванда қарор гирифтааст.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар набудани пажӯҳиши мушаххасоти илмӣ-таҳқиқотӣ дар доираи семантикаи нутқи мазмунан нақлшуда дар асоси асари «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, муҳаққиқ Саидова М.А. тавонист, ки мавқеи истифода, тарзи ифода, тағйиротҳои семантикиву услубии мавзуъро дар асоси асари бадеии «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ дар забонҳои муқоисашаванда натиҷагирӣ намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи матни асарҳои бадеӣ ва тарҷумаи бевоситаи онҳо имконият фароҳам меоварад, ки доир ба сохтор, маъно, мавқеи истифода ва доираи корбурд ва корбасти он дар забонҳои муқоисашаванда ба хулосаи амиқ ва дақиқи илмӣ рӯ овардааст, зеро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо, махсусан аз нигоҳи сохторӣ ба назар мерасад, ки ин амал дар ифодаи маъно ба забони дигар бетаъсир буда наметавонад. Дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаҳои сохторӣ-семантикӣ ҷойгоҳи махсус дорад ва ба он таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар пажӯҳиши илмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қарор гирифта, рӯ овардани диссертант ба ин масъала тақозои таҳқиқотии замон буда, мубрам ва қобили аҳамияти илмӣ дар равияи илмии забоншиносии муосир арзёбӣ мегардад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки самтҳои филологиро фаро гирифта, ба Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз 30 августи соли 2019 №438) алоқаи зич дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳадафҳои асосии таҳқиқот мебошад.

Методҳои таҳқиқот дар самти вазифавии таълифоти усулҳои таҳқиқоти методи муқоисавӣ ва типологии таҳқиқот дар забоншиносӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Объекти таҳқиқот бо хусусияти хоси таваҷҷуҳи илмӣ доир ба нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи асарҳои бадеӣ (Ёддоштҳо) мураттаб гардидааст.

Мавзуи таҳқиқот оид ба ҳамаҷониба таҳлил намудани сохтори семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ қарор гирифтааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсия ба он равона гардидааст, ки ҷиҳати муайян намудани афзалияти корҳои методологию-сарчашмаҳо илмӣ ба сифати асосҳои назариявӣ дар диссертатсияи мазкур аён гардидаанд, ки ба таҳқиқоти рисола мусоидат намуданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти рисола аз тарафи муҳаққиқ зоҳир гардида, дар баланд бардоштани мақом ва манзалати рисола дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вобаста ба нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи асарҳои алоҳидаи бевосита тарҷумашуда бори аввал мавриди таҳқиқоти алоҳидаи илми забоншиносӣ қарор гирифта, зимни таҳлилу баррасии мавзуъ, дараҷаи тарҷума ва ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва ё баръакс вобаста аз зарурати таҳлил нишон дода шудааст.

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дар асоси ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда бо хусусиятҳои хоси ҳар яке онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо пунктҳои судманди марҳилавӣ дар рисола асоснок гардидаанд, ки дар базаи ғанигардонии илмии рисола дар асоси асарҳои бадеӣ асоснок ёфтаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар оянда барои ҳалли масъалаҳои назариявии грамматикаи муқоисавӣ дар умум ҳиссагузор бошанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои таҳқиқотҳои ояндаи забонҳои гуногунсохт низ истифода намуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулоса ва маводи он метавонад ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои

мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияҳи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шавад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисос ва тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи нутқи мазмунан нақлшуда ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт муҳаққиқ ба андозае муваффақ шуда, тафовут ва умумиятҳоро муайян ва ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.08.2022 №1 ва суратҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.10.2022 №3 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёти илмиву таълимӣ иборат мебошад. Дар бобҳо ва зербобҳо масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли асарҳои бадеӣ (Ёддоштҳо)-и С. Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Хулосаи диссертатсия ҷамъбасти фикру ақидаҳо роҷеъ ба нутқи

мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 147 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар баробари ин, бояд таъкид созем, ки муаллифи диссертатсия дар мундариҷаи рисола барои таҳқиқ фарзияи илмии таҳқиқотро ба таври воқеъбинона хеле дуруст ва нишонрас муайян карда, ошкор кардааст, ки асосҳои таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли асарҳои бадеӣ (Ёддоштҳо)-и С. Айнӣ ба таври самаранок ба роҳ мондааст.

Боби якуми диссертатсияи Саидова М.А. доир ба **«Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном гирифта, ба хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар он дараҷаи омӯзиш ва хусусияти хоси забонҳои гуногун дар ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили осори илмии ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахлдори олимону муҳаққиқони тоҷику хориҷи кишвар ҷанбаҳои назариявии заминаҳои таъсири хусусияти фарқкунандаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ боис бар он шудааст, ки таҳқиқотҳои гуногуни муқоисавӣ дар забонҳои гуногунсохт ба миён оянд. Дар забони тоҷикӣ бошад, ин амал камтар ба назар мерасад, ки он ҳам дар шакли мақолаҳои алоҳида мебошад.

Муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқот оид ба ҳар як масъалаи дар зербобҳо баррасишуда, андешаҳои шахсии худро аз таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда натиҷагирӣ намуда, ҷиҳати мушаххас намудани қоидаву қонуниятҳои он дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ намуда, вазифаҳои сохтории нутқро аз рӯйи маъноии онҳо дар илми забоншиносӣ саҳми худро гузоштааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ »** таснифи хусусиятҳои хоси ифодаи нутқии мазмунан нақлшудаи

забони англисиро бо назардошти қоидаи мутобиқатии замонҳо дар бар гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот ин боб дорои 3 зербобҳо буда, ҳар кадоме аз онҳо истифодаи тобеишҳои нутқи мазмунан нақлшуда бо хусусияти истифодабарии сохторӣ-семантикии замони феълҳо муҳаққиқ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Инчунин, дар зербобҳои боби дуюм нақши маъноии вазифаҳои пайвандакҳо дар ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда вобаста аз мақсади ифода ба назар мерасанд ва ин амал, яъне доираи истифодаи пайвандакҳо дар забонҳои муқоисашаванда монандии зиёд зоҳир менамоянд. Ҷумлаҳои пайраве, ки бо эзоҳи калимаҳои ишоратӣ меоянд, ба сарҷумла бо пайвандаки *«ки» (that)* алоқаманд мешаванд, илова бар ин, ҳамин хусусиятро дар забони англисӣ масдар бо ҳиссачаи **to** ифода карда мешавад, ки дар ин боб таҳқиқоти ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «**Усулҳои ифодаи банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ**» номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки бо нутқи мазмунан нақлшуда алоқамандӣ дошта, хусусияти тағйирпазириро пайдо мекунанд, таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи рисоланавис муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия асоснок гаштаанд, аммо тавсияву пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ҷиҳати такмили нутқи мазмунан нақлшуда кам дида мешавад;

2. Боби якуми диссертатсия таҳти унвони “Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикию англисӣ” номгузорӣ шуда, аммо кори боби якум баштар ба заминаҳои назариявӣ тааллуқ дорад, агар дар шакли “Заминаҳои назариявии мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” сурат мегирифт, боз ҳусни рисоларо баланд мебардошт;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти қоидаҳои ба тозагӣ ба тасвибрасидаи имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард. **(ниг. С. 11, 25, 26, 29, 40, 41 ва 65).**

4. Муаллиф дар пажӯҳиши хеш назару андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷиро роҷеъ ба нутқи мазмунан нақлшуда шарҳу тафсир додааст, аммо мавқеи худро дар баъзе ҳолат муайян накардааст;

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бояд зикр кард, ки дар маҷмуъ норасоиву ғалатҳои зикргардида ба мазмуну мундариҷа, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна, ки дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз “13” феврали соли 2023, протоколи №8/3 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи №8/3 аз 13 феврали соли 2023.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Муродов Баҳриддин Раҳмонович

Ташхисгарон:
номзади илми филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

номзади илми филологии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Саидов Муҳаммад Бегмуродович

«Имзоҳои н.и.ф., Б.Р. Муродов, Ш.Ш. Гуламадшоев, Ҳ.Қ. Гулямов ва М.Б. Саидов-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«13» феврали соли 2023

Суроғаи муассисаи пешбар:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.